ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ ҲИФЗИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

# ДАСТУРАМАЛ

## оид ба тартиби расонидани ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ)

Душанбе

**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

«31» 12 2019 с. ш. Душанбе № 893б/з

Дар бораи тасдиқ намудани
«Дастурамал оид ба тартиби
расонидани ёрии амалӣ аз
тарафи кормандони мақомоти
корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони
зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ)»

Бо мақсади таъмини иҷрои талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», "Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023",ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2014, № 294 тасдиқ шудааст ва дар асоси банди 12 Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №592 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал оид ба тартиби расонидани ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур дар байни ҳайати шахсии воҳидҳои дахлдори мақомоти корҳои дохилӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, иҷрои дақиқи талаботҳои он дар фаъолияти хизматии ҳамарӯза татбиқ карда шавад.

3. Дастурамали мазкур дар ҳамкорӣ бо шариконни рушд дар шакли китобча ба миқдори зарурӣ аз чоп бароварда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардори Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Вазир
генерал-полковники милитсия — Р. Раҳимзода

Замима
ба Фармоиши ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон таҳти №893 б/з
аз « 31 » декабри 2019 сол.

**Дастурамал**
оид ба тартиби расонидани ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.

1. Азбаски мақомоти корҳои дохилӣ мунтазам дар сафи аввали эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила меистад, қабули қарор аз ҷониби ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (аз ҷумла зӯроварии гендериро низ) аз сар гузаронидааст, дар масъалаи оё ба ӯ идома додани истифодаи ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ лозим аст ё не, аксар вақт омили ҳалкунанда мебошад.

2. Тартиби расонидани ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) тавсифи аниқ ва муфассали амалҳои мақомоти корҳои дохилиро таъмин менамояд, ки ба ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, кӯмак пешниҳод менамоянд.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО.

3. Мақсад ва вазифаҳои расонидани ёрии амалӣ аз тарафи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба

ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) инҳо мебошанд:

- кӯмак дар ошкорнамоӣ ва дарёфти самараноки ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд;
- таъмин намудани ҳифзи бехатарии ҷабрдида дар тамоми марҳилаҳои эътино;
- таъмини сифат ва мувофиқакунонии ёрии амалӣ;
- мусоидат дар беҳтарсозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатгузории зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ва ҷамъоварии маълумот;
- кафолати махфияти расонидани ёрии амалӣ ба ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, пешниҳод мешаванд;
- мусоидат дар самаранок фиристодани ҷабрдида /шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;
- робитаи мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, ки ба ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, хизматрасониҳо пешниҳод менамоянд.

## 3. ТАТБИҚНАМОӢ.

4. Барои он, ки расонидани ёрии амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ самаранок бошанд, онҳо бояд доираи васеи роҳу усулеро кафолат диҳанд, ки барои тамоми ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, шурӯъ аз ҳисоботдиҳӣ ва ё тамоси аввал то ба таъмини воситаҳои зарурии ҳимояи ҳуқуқӣ, дастрас бошанд. Расонидани

ёрии амалии асосии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои тамоми низомҳои расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти бағоят калон доранд, аз ҷумла дар соҳаҳои ҳуқуқии дахлдор (ҳуқуқи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва оилавӣ).

5. Расонидани кумакҳои асосӣ фаро гирифта мешаванд аз:

- чораҳои пешгирикунанда;
- тамоси ибтидоӣ;
- таҳқиқот;
- суд/раванди мурофиаи суд;
- масъулияти ҳуқуқвайронкунанда ва ҷуброни зарар;
- амали вобаста ба таъмини қарори суд;
- ҳимоя, дастгирӣ, робита ва ҳамоҳангсозӣ.

6. Мақомоти корҳои дохилӣ барои таҳқиқ намудан ва таъқиби судии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ), ки дар ин мақомот мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда мешаванд, масъул мебошад. Ба ғайр аз ин, мақомоти корҳои дохилӣ барои ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд ва барои онҳое, ки ба мақомоти корҳои дохилӣ барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат намуданд, яке аз нуқтаҳои калидии муҳим ба ҳисоб мешавад. Азбаски, дигар субъектони хизматрасонандаи адолати судӣ, ба истинои мақомоти корҳои дохилӣ, ба раванди кӯмак ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дертар дохил мешаванд ва тартиби онҳо бисёр хусусиятнок мебошад ва бо қонунҳои муайян ба танзим дароварда мешаванд, маълумоти тартиби татбиқсозии пешниҳоди хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) танҳо ба эътинои

мақомоти корҳои дохилӣ ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) марбут мебошад.

7. Тартиби татбиқсозии пешниҳоди кӯмакҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) тартиби аниқеро тавсиф менамояд, ки фаъолияти марҳилавии ҳамарӯза, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳоеро, ки бояд кормандони ҳама Шеъбаҳои корҳои дохилӣ риоя намоянд, ба танзим медарорад.

8. Тартиби татбиқсозии пешниҳоди расонидани ёрии амалӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ба таври пурра ду намуди кӯмакҳои асосӣ, тамоси ибтидоӣ ва таҳқиқро тавсиф менамояд. Барои боз ҳам самаранок амалӣ намудани тартиби татбиқсозии ёрии амалӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ), тайёрии ҳадди камтарини кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми истифодаи тартиби мазкур нишон дода мешавад.

## 4. ПРИНСИПҲО.

9. Барои ҳамаи таъминкунандагони ёрирасон, ки ба эътинои байниидоравии эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ҷалб шудаанд, бояд ҳуқуқ, ниёзҳо ва хоҳиши ҷабрдида афзалиятнок бошад. Дар ин самт чунин принсипҳо мавҷуд мебошанд:

- принсипи ҳамкорӣ. Эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ҳамкории самаранок ва ҳамоҳангсозии ҳамаи субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо дар назар дорад;

- принсипи идоракунии коллективӣ. Қоидаҳое, ки ба эътинои байниидоравӣ ва бозфиристӣ, стратегия ва нақшаи амал, аз ҷумла банақшагирӣ, татбиқсозӣ, мониторинг ва баҳогузории барномаҳо марбутанд, бояд дар асоси иштироки коллективона, аз ҷумла бо иштироки ҷабрдида (дар сурати истифодабарӣ) тартиб дода шаванд;

- принсипи банақшагирии стратегӣ. Сиёсате, ки ба мубориза бар зидди зуҳуроти зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) равона шудааст, бояд ба дараҷаи стратегияҳои умумии байниидоравӣ, бо мақсад ва амалҳои мушаххас гузаронида шавад;

- принсипи хизматрасониҳои маҷмӯӣ. Тартибот барои дахолат ва бозфиристӣ, инчунин чораҳои ҳимоя роҳу равиши байниинтизомиро, ки аз усули ягона асос ёфтаанд, талаб менамояд.

- принсипи огоҳсозӣ. Роҳу равиши самараноки маҷмӯӣ, дар худ ҳамчунин, ба сифати афзалият огоҳсозии зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ)-ро дорад;

- принсипи ҳисоботдиҳӣ. Тамоми чорабиниҳо бояд барои кормандон ҳисоботдиҳиро бо мақсади татбиқсозӣ ва риояи барномаҳои амали мувофиқашуда ва аз рӯи ин принсипҳои умумӣ пайравӣ намудан дар корашон, таъмин намоянд;

- устуворӣ. Субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, ки ба эътинои байниидоравӣ ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) иқдом менамоянд, бояд тамоми шароитҳоро барои амалисозӣ ва дастгирии ин муносибат новобаста аз тағйироти сиёсӣ ва кадрӣ таъмин намоянд.

10. Принсипҳои кор бо ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, аз инҳо иборатанд:

- бехатарӣ ва ҳимоя. Бехатарӣ чӣ ба ҷабрдида ва чӣ ба корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд ҳангоми ташкил

ва пешниҳоди кӯмак ба ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, афзалиятнок бошад. Баҳогузории ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, бояд дар лаҳзаи мушаххассозӣ ва вақте, ки шахс дар бораи ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) буданаш хабар медиҳад, гузаронида шавад. Дар марҳилаи ибтидоии маслиҳатдиҳии ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, муҳим аст, ки таҳдидҳои эҳтимолӣ (амалҳои хусусияти зӯроваридошта аз ҷониби аъзоёни оила) ба инобат гирифта шаванд, то ки боварӣ ҳосил карда шавад, ки маслиҳатдиҳӣ метавонад бе зарари эҳтимолӣ ба худ, одамон ва дигар ҳамкорон гузаронида шавад;

- махфият. Риояи махфият барои таъмини бехатарии ҳам ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд ва ҳам ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ чораи муҳим ҳисоб меёбад.

Махфияти маълумот дар бораи ҷабрдида бояд доимо риоя карда шавад, ки дар худ мубодилаи танҳо маълумоти зарурӣ, танҳо бинобар зарурият ва ё бо хоҳиш ва танҳо бо розигии ҷабрдидаро дорад.

Махфияти маслиҳатдиҳӣ ва махфияти ҷамъоварии маълумот, бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва мубодилаи иттилоот хавфҳои эҳтимолиро чӣ ба одамон ва чӣ барои афсари милитсия кам мекунад.

Нигоҳдории махфият кафолат медиҳад, ки ҷабрдида дучори таҳдидҳои минбаъда ва/ё зӯроварӣ дар натиҷаи муроҷиат барои кӯмак нагардад, инчунин афсарони милитсияро аз таҳдидҳои шахсоне, ки амалҳои

зӯроварииро содир менамоянд ва ё аъзоёни оила ҳифз менамояд. Мубодилаи маълумоти махфӣ дар кори корманди мақомоти корҳои дохилӣ маънои онро дорад, ки баъзе аз маълумот метавонанд ба дигар ҳамкорон-кормандони мақомоти корҳои дохилӣ танҳо дар асоси принсипи «заруриyat» пешниҳод карда шавад.

Маълумот ба ҳамкорон метавонад дар ҳолатҳои ягон сабабҳои амалҳои/маъмурӣ дода шавад ва корманди мақомоти корҳои дохилӣ ҷабрдидаро ба дигар корманди мақомоти корҳои дохилӣ мефиристад. Ин ба ҷабрдида бояд пешакӣ фаҳмонида шавад ва ҷабрдида бояд фаҳмад, ки кадом маълумот ба кӣ он дода мешавад, инчунин бояд розигии ҷабрдида барои интиқоли маълумот гирифта шавад. Агар махфият тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда маҳдуд бошад, ҷабрдида бояд фавран оиди он хабар дода шавад;

- интихоби дидаю дониста. Ҳама гуна амал бояд танҳо бо иҷозати ҷабрдида ва пас аз розигии дидаю донистаи ӯ амалӣ карда шавад;

- афзалиятнокии ниёзҳои ҷабрдида Ҳангоми дахолат аз рӯи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ), хоҳиш, ҳуқуқ ва шаъну эътибори ҷабрдидаро ба назар гирифта, муносибате беҳтарин ба ҳисоб меравад, ки барои бунёди шароитҳои бо ҳурмату эҳтиром пуршуда равона шудаанд, ки ба муайян намудани аз ҷониби ҷабрдида ниёзҳои ӯ ва қабули қарор дар бораи роҳҳои эҳтимолии амал мусоидат менамояд. Мақомоти корҳои дохилӣ бояд ҷабрдида/шахсонеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, дар қабули қарорҳо, хавфҳо ва нозукии ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар

гузаронидаанд, ба инобат гирифта, онҳоро дастгирӣ намоянд;

- зери ҳисобот будани шахсоне, ки амалҳои зӯроварӣ содир намудаанд, аз мақомоти корҳои дохилӣ ҷалби самараноки гунаҳкорон барои ҷавобгарӣ ҳангоми таъмини таҳқиқи одилонаи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) талаб менамояд. Ба мақомоти корҳои дохилӣ зарур аст, ки барои мушаххас намудани гумонбар (ҳангоми мавҷуд будани парванда) саъю кӯшиш намояд, гумонбарро дар бораи оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои зӯроварии ӯ маълумот диҳад, тамоми чораҳоро барои супоридани парванда ба мақомоти судӣ андешад.

- мавҷуд набудани табъиз (маҳдудкунии (поймолкунии) ҳуқуқ). Новобаста аз синну сол, нажод, баромади миллӣ, дин, ҷинс, ноқобилии меҳнатӣ, мақоми оилавӣ, мақоми таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғайра, ҳамаи ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, баробар мебошанд ва бояд муносибати якранг гиранд ва ба хизматрасониҳо дастрасии баробар дошта бошанд.

11. Аломатҳо ва рафторе, ки метавонанд зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) нишон диҳанд

Дар бисёр ҳолатҳо, ҷабрдида /шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, метавонад фикру ақидаи худро пас аз муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дигар кунад ва аз додани шикояти расмӣ саркашӣ намояд. Илова ба ин, баъзе аз онҳо кӯшиш мекунанд сабаби воқеии муроҷиат ба кӯмакро инкор намоянд. Баъзе аз монеаҳое, ки ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, дучор мегарданд, инҳо мебошанд:

- мавҷуд набудани бохабарӣ дар бораи маънои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ва гуногунрангии шаклҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ);

- ҳисси тарс дар пеши шахсе, ки амалҳои зӯроварӣ содир менамояд;

- шарму ҳаё, тарси оқибатҳои иҷтимоӣ, алалхусус дар ҷамоатҳои анъанавӣ ва динӣ;

- вобастагии молиявӣ аз шахсе, ки амалҳои зӯроварӣ содир мекунад (аксар вақт ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, онҳое мешаванд, ки хои кор, маблағ, маконе надоранд, ки аз шахси содиркунандаи амалҳои зӯроварӣ рафта тавонанд);

- сармоягузорӣ ба оила, иншоотҳои молумулкӣ, кори умумӣ, ки ба онҳо имконияти рафтан намедиҳад;

- бохабарии маҳдудият ва ё дар асл мавҷуд набудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои мавҷудбуда;

- мавҷуд набудани хизматрасониҳо, ки хусусиятҳои хоси маданиро ба инобат мегиранд;

- ҳисси тарсе, ки ба онҳо бовар намекунанд;

- факру ақида дар бораи он, ки мақомот ба онҳо кӯмак пешниҳод карда наметавонанд.

12. Бо вуҷуди ин, имконияти муайян намудани ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, тавассути аломатҳои муносибати бераҳмона, ки метавонанд ба назар расанд ва аз ҷониби хешовандон, ҳамсояҳо ва дигар субъекти огоҳсозандаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) хабар дода шаванд. Ҳатто агар зан нахоҳад ва ё аз шикоят намудан тарсад, ӯ чун пештара имконияти гирифтани кӯмак тавассути дигар роҳҳо, ба монанди

ҳуҷраҳои хизматрасониҳои рӯҳию иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои мухталифи дастгириро дорад.

13. Аломатҳое, ки метавонанд ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) нишон диҳанд:

- ҷароҳатҳои зиёд, дар марҳилаҳои гуногуни сиҳатёбӣ (дармонёбӣ) қарор доштани онҳо, дар чандин қисматҳои бадан будани онҳо, ки натиҷаи тасодуфӣ буданашон намебошад;

- ҷароҳатҳои номафҳум ва ё бо шарҳҳои нофаҳмо/чигил кардашуда;

- ҷароҳатҳои ботаносуб;

- харошҳо, яраю захмҳо, ҷароҳатҳо, ҷои газидашуда, ҷои сухтагӣ дар зинаҳои гуногуни барқароршавӣ, махсусан дар дастҳо ва қисмати рӯ;

- ҷароҳатҳое, ки либос онҳоро рупӯш мекунад;

- ҳисси пайвастаи хатар (ҷабрдида ҳамеша хавотиру эҳтиёткор аст);

- ҳисси тарс дар назди ҳама;

- дардҳои сар;

- сӯиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва ё маводи нашъадор;

- таассури (беҳолшавии) ҷисмонӣ (ларза ва ё беҳушшавӣ ҳангоми ба ёд овардани ҳодисаи рехдодаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ)).

14. Рафторҳое, ки ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) марбутанд:

- ҳисси нороҳатӣ, қодир набудан дар ҷамъ намудани фикри худ дар ҳузури шахси амали зӯровариро дар оила содирнамуда;

- кӯшиши сафед намудани шахсе, ки амали зӯроварӣ дар оиларо содир намудааст;

- ақидае, ки хислати шахси амали зӯроварӣ дар оила содирнамуда тағйир меёбад;

- шахсе, ки амали зӯроварӣ дар оиларо содир намудааст аз тарк намудани ҳуҷрае, ки корманди мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, сӯҳбат мекунад, саркашӣ мекунад;

- беҷуръатӣ;

- дигаргунӣ дар нишондодҳо, дар ҳодисаи рехдодаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ);

- рад кардан ва кам намудани рӯйдоду воқеа ва оқибатҳо, инчунин эътиқоди оне, ки вазъият таҳти назорат қарор дорад;

- тамоюл ба хулосабарорӣ (изҳори «ҳама одамон амалҳои зӯроварӣ содир менамоянд»);

- мавҷуд набудани дастрасӣ ба телефон, ки тавассути он ба ӯ тамос гирифта шавад;

- инҷиқӣ (сернозунозӣ) ва ноустувории пуртаъсир;

- аз даст додани назорати таъсирнок;

- мушкилӣ ҳангоми қабули қарор.

15. Чӣ тавр бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, якҷоя амал намуд (ҳамкорӣ намуд). Додани саволҳо дар бораи зӯроварӣ дар оила (дар бораи зӯроварии гендерӣ) барои ҳар корманди мақомоти корҳои дохилӣ кори мушкил буда метавонад. Тавсияҳои зерин ба корманд дар тақвият бахшидани боварии қатъӣ ҳангоми гузаронидани мусоҳиба бо ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ), кӯмак карда метавонад, инчунин пеши роҳи такроран ҷабрдида гаштанро мегирад:

а) Аз рӯи имконият ҳамаи он воситаҳои махсусро (масалан, силоҳ, чӯбдаст), ки ба салоҳияти мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ марбутанд ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, метавонанд тарсовар гарданд ва бо ин мақсад он воситаҳоро аз чашм дур бояд намуд. Агар ин имкон надошта бошад ва дар худ мавҷуд будани онҳо ҳатмӣ бошанд, инро ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст тавре фаҳмонд, ки ба вазъияти ӯ ягон вобастагӣ надорад;

б) Дар масъалаҳои зӯроварӣ ташаббусро ба дасти худ гиред – интизор нашавед, ки ҷабрдида худаш ҳама чизро нақл мекунад. Ин нишон медиҳад, ки шумо барои вазъияти ӯ масъулияти касбиро ба зиммаи худ мегиред ва ин барои бунёди муносибатҳои боварибахш кӯмак мерасонад;

в) Аз додани саволҳо ба ҷабрдида дар бораи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дар ҳузури аъзои оила, дӯстон ва ё фарзандон худдорӣ кунед;

г) Бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст пуртоқат бошед, ба инобат гиред, ки дар шароити бӯҳрон онҳо ҳиссиёти мухолиф дошта метавонанд. Ҷабрдидаро барои кушодашавӣ маҷбур насозед. Агар ӯ кушода нашавад, ба ӯ гӯед, ки чӣ шуморо водор сохт, ки дар бораи зӯроварӣ дар оила фикр кунед;

ғ) Аз танаффусҳои нолозим дурӣ ҷӯед ва саволҳоро барои шарҳ додан танҳо баъди оне, ки вай нақли худро ба анҷом мерасонад, диҳед;

д) Аз гӯшкунии беғайратона ва набудани шарҳҳо дурӣ ҷӯед. Ин метавонад ба сари ӯ фикреро орад, ки шумо ба ӯ бовар намекунед, ки ӯ ноҳақ асту зеровар ҳақ. Ба ғаму андӯҳи ӯ бодиққатона гӯш андозед, ӯро бовар созед, ки ҳиссиёти ӯ дуруст мебошад;

е) Он сеҳбатеро истифода баред, ки ҷабрдида истифода мебарад; агар ҷабрдида бо забоне гап занад, ки аз забони субъекти пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила фарқ кунад, дар он сурат тарҷумонро даъват намоед, то ки ба ӯ ёрӣ расонад;

ё) Забон ва калимаҳоро то дараҷаи фаҳмиши ҷабрдида мутобиқ созед. Таркиби луғавӣ ва ифодаҳои касбиеро, ки ҷабрдидаро метавонад аз роҳ занад, истифода набаред;

ж) Савол ва ибораҳоро бо тарзи гуфтори мусоид ва саҳеҳ мухтасар ифода намуда, лаҳни дилсӯзонаро истифода баред. Саволҳои кушодаро истифода намоед ва аз саволҳое, ки бо «барои чӣ» оғоз меёбанд дурӣ ҷӯед, ки чун қоида, маънои гуноҳ доштани ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) дорад;

з) Занро гунаҳкор насозед. Аз саволҳои ба монанди «Шумо чаро бо ӯ меистед?», «Пеш аз он, ки зӯроварӣ рех дод, ягон сабаби мурочиат ба моро доштед?», «Шумо дар ин ҷо танҳо чӣ кор мекунед?», «Чӣ хел либос пӯшидаед?» дурӣ ҷӯед. Ба ҷои ин, ӯро бовар созед, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) набояд таҳаммул кард;

и) Фикру мулоҳизаҳои ба мисли «Ман афсус мехӯрам, ки бо шумо чунин ҳолат рух додааст» ва ё «Шумо дар ҳақиқат пасту баландиҳои зиёдеро дидаед» истифода баред, ки занро барои кушодани маълумоти бештар таҳрик намояд;

й) Қайд кунед, ки зӯроварӣ ин гуноҳи шахси ҷабрдида нест ва танҳо зуровар барои он ҷавобгар аст;

к) Фаҳмонед, ки маълумот махфӣ мемонад ва ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дар бораи ҳама гуна маҳдудият бо тарви махфӣ хабар дода мешавад;

к) Муносибати нигоҳкунандаро, ки аз нуқтаи назари маданӣ мувофиқ аст истифода баред, диққати худро ба ҷабрдида равона созед. Аз иҷрои кори коғазӣ дар раванди сӯҳбат дурӣ ҷӯед;

л) Ҳангоми сухбат бо ҷабрдида хушмуомила бошед. Аз он ки шумо чӣ хел меистед, даст ва саратонро медоред, хусусияти қиёфаи рӯи шумо ва лаҳни садои шумо – ин ҳама ба зан ишорати аниқеро медиҳад, ки чӣ хел шумо вазъиятро қабул мекунед. Саҳеҳият ва мақоми дастгирикунандаро ифода намоед ва ростию ҳақиқӣ будани гуфтаҳои ӯро тасдиқ намоед. Аз гуфторое, ки хашмгинию оташинӣ, нобоварӣ, ҳисси бадбинӣ ва қаҳру ҷаҳл нисбати ҷабрдидаро нишон диҳад, дурӣ ҷӯед;

м) Рафтори ҷабрдидаро, аз нуқтаи назари маданият ва дин муҳокима накунед.

## 5. ТАРТИБ.

16. Таҷрибаи мусбии алоқаи ибтидоӣ бо низоми адлия барои ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Алоқаи ибтидоӣ бояд ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, нишон диҳад, ки низоми адлия, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ба бехатарии ӯ таваҷҷӯҳ доранд, шикояти ӯро ҷиддӣ қабул мекунанд ва мехоҳанд боварӣ ҳосил намоянд, ки ба ӯ дастгирии зарурӣ дар вақти пешниҳоди хизматрасонии одилона расонида мешавад. Илова ба ин, таҳқиқи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) зарур аст, сари вақт ва дар сатҳи касбӣ, мутобиқи

талаботи сифати ҷамъоварии далелҳо ва таҳқиқот оғоз намояд.

17. Тартибҳои қадам ба қадам аз рӯи навъи амалҳое гурӯҳбандӣ шудаанд, ки метавон иҷро намуд ва бо таври зерин ташкил карда шаванд: ошкорнамоӣ, баҳогузорӣ, ёрии ҳуқуқӣ/таҳқиқ, ҷамъоварии далелҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва бозфиристӣ. Бо ягон шакли зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дучор гардида, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд тамоми кӯшиши худро ба он равона созад, ки ҷабрдидаро ба гирифтани тамоми дастгирии зарурие, ки дастрас мебошад, таъмин намояд. Дар тамоми марҳилаҳои кӯмак, натиҷаи мустақилият ва махфият бехатарии ҷабрдида ҳисоб меёбад.

## 6. ОШКОРНАМОӢ.

18. Қадами аввалини ҳама гуна эътино дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ошкор намудани ҷабрдида ҳисоб меёбад; ин бо усулҳои гуногун иҷро шуда метавонад: худкушодашавии ҷабрдида, ки аз ҷониби дигар субъекти пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) хабар дода мешавад, ошкоркунӣ аз ҷониби таъминкунанда (амалҳои ҳуқуқии корманди мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯи вазифаи ишғолнамуда). Илова ба ин, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд бо ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) бори аввал дар ҳуҷраҳои идораҳо ва ё дар ҷойе, ки ҳолати зӯроварӣ рех додааст, дар ҳолатҳои фавқуллода (пас аз занги телефонии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ва ё дигар ашхос) вохӯранд.

19. Вақте, ки мақомоти корҳои дохилӣ баъди занги таъҷилии телефонӣ эътино мекунанд:

- бо ҷабрдида ҳар чи тезтар дар алоқа шавед, то ки масъалаҳои бехатарӣ ҳал карда шаванд (барои ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, инчунин кӯдаконе, ки бо онҳои зиндагонӣ мекунанд);

- дарҳол ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст аз шахсе, ки амалҳои зӯровариро содир намудааст, ҷудо карда шавад;

- ҳама гуна силоҳеро, ки дар дасташ буда метавонад, мушаххас намуда, мусодира карда шаванд, то ки тамоми шахсони ҳузурдошта бехавф гардонида шаванд;

- ҳангоми пайдо гаштани зарурат, ба ёрии таъҷилии тиббӣ муроҷиат карда шавад;

- вазъиятро барои одамон, воситаҳои нақлиёт ва ё иншоотҳои ҷалбшуда, инчунин хатарҳои эҳтимолӣ баҳогузорӣ карда шавад;

- тамоми маълумоти ҳаётан муҳимро ба дигар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла оид ба мавҷудияти эҳтимолии монеаҳои забонӣ дода шаванд;

- дар ҳолати зӯроварии ҷисмонии бо оқибатҳои ба ҳаёт таҳдидкунанда ва ё зӯроварии шаҳвонӣ, бехатарии макони ҷиноят таъмин карда шавад, то ки далелҳо гум нашаванд, тағйир дода ва ё ифлос карда нашаванд;

- дигар мутахассисонро (масалан, мутахассисони техникӣ, кормандони лабораторияи криминологӣ ва прокурорро) дар вақти зарур аст, даъват намоянд;

- ҷудо намудан, кофтуков ва дастгир намудани шахсе, ки амали зӯровариро содир намудааст, (агар ӯ ҳузур дошта бошад) ва ӯ аз ҷои ҳодиса дур карда шавад.

20. Дар он ҳолатҳое, ки ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, мустақим дар Шуъбаи мақомоти корҳои дохилӣ кӯмак мепурсад ва ё дар сурати бозфиристӣ аз дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ):

- ҷабрдидаи/шахси зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) азсаргузаронида, ки барои кӯмак муроҷиат намудааст, дар вазъияти буҳронӣ қарор дошта бошад. Рафтори ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, мумкин дар асл аломати ин ҳолат бошад ва метавонад аз ғашкунӣ (ҷунун), доду фиғон баровардан то ханда, оромӣ ва мавҷуд набудани таассур тағйир ёфта бошад. Ягон таассури (аксуламали) маъмулие вуҷуд надорад, бинобар ин худдорӣ намудан аз маҳкумкунӣ ва бепарвоӣ нисбати ҳар ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, муҳим аст;

- одамро бо тарзи рафтору кирдори хайрхоҳона вохӯрӣ намоед.

- худро шинос кунед ва дар бораи меъёрҳои ҳуқуқӣ/хизматрасониҳои мақомоти корҳои дохилӣ мухтасар нақл кунед;

- яқинан аз одам барои худро шинос кардан хоҳиш намоед;

- амалиётҳои афзалиятнок бояд расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ нисбати мушкилиҳое, ки метавонанд ба ҳаёт ва шахсияти қурбонӣ таҳдид намояд, таъмини бехатарии қурбонӣ/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, эҳтимол ҳамроҳикунандагони фарзандони онҳо бошанд. Дарҳол ҷабрдида/шахси зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии

гендериро) азсаргузаронидаро, бо ҳолати вазнини ба вазъи саломатиаш таҳдидкунанда барои табобати таъҷилӣ равона намоед, пеш аз он ки ба дигар марҳилаи баъдинаи таҳқиқ шурӯъ карда шавад;

- аз ҷабрдида оиди хоҳиши дастгирӣ гирифтани аз ҷониби корманди мақомоти корҳои дохилии худи ҳамон ҷинсро пурсед (махсусан дар ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ);

- ба ҷабрдида дар бораи ҳама чизе, ки ӯ муҳим мешуморад, имконияти савол додан диҳед;

- барои баланд бардоштани сатҳу сифат ва аниқии маълумоти зарурӣ барои таҳқиқ ва таъқиби ҷиноятӣ бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, муносибати боварибахшона ба роҳ монед;

- ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро (масалан, шахсони дорои нуқсони ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ, шахсони динӣ ва аққалияти этникӣ) дар хотир гиред ва барои ҳалли онҳо тамоми саъю кӯшиши худро равона созед;

- вазъияти махфият ва дилсӯзонаро бунёд созед, шахсро фаъолона гӯш кунед ва саволҳои озмоишӣ диҳед (ниг. ба Чӣ тавр бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст бояд якҷоя амал намуд) ;

- шумораи одамонеро, ки ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст бо онҳо сару кор мегирад, маҳдуд намоед;

- аз додани саволҳои дар бораи зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дар вазъияте, ки вақте шахси сеюм метавонад сӯҳбатро гӯш кунад, эҳтиёт намоед;

- ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст дар танҳоӣ нагузоред,

махсусан вақте, ки гумони қасдан маюбкунии ягон узви бадани худ мавҷуд аст ва ё чунин хавф ҷой дорад.

21. Корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд ҳамеша дар бораи робитаи эҳтимолии зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) бо содиршавии дигар намуд ҷиноятҳо хуб воқиф бошад. Масалан, мумкин алоқаи имконпазири байни шахсони бе ному нишон гумшуда ва «куштори номусӣ» мавҷуд бошад. Шахси гумшуда метавонад дар заминаи ҷанҷоли оилавӣ қурбони одамкушӣ гардад. Кӯдак мумкин аз хона гурехта бошад, то ки аз зӯроварӣ дар оила ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона (никоҳ дар синну соли кӯдакӣ), ки дар хона рӯй медиҳанд, эмин монад.

## 7. БАҲОГУЗОРӢ.

22. Баъди ошкор намудани ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд дар бораи қадамҳои минбаъда (кӯмаки ҳуқуқӣ/таҳқиқ, ҷамъоварии далелҳо, ҳуҷҷатгузории зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ва бозфиристӣ) қарор қабул намоянд, ки риояи он мутобиқи захираҳо, малакаҳо ва ваколатҳо барои мубориза самаранок бар зидди зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) зарур аст.

23. Бояд баҳогузории ниёзҳо ва захираҳои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ки ба сифати асос барои таҳияи қадамҳои минбаъдаи таҳқиқ хизмат мекунад, гузаронида шавад.

а) Гирифтани розигӣ ба расонидани ёрии амалӣ, ки бояд пешниҳод карда шаванд. Агар ҷабрдида хонда ва навишта натавонад, аризаи дидаву дониста оиди розигӣ

барои ҷабрдида хонда шуда, розигии шифоҳии ӯ гирифта мешавад (далели мазкур дар шакли розигии дидаю дониста ва ё сабтҳои тиббӣ хотиррасон карда мешавад);

б) Ҳуқуқи пешниҳоди розигии маҳдуд ва интихоби онро, ки кадом маълумот ифшо карда мешавад ва кадом маълумот махфӣ нигоҳ дошта мешавад, фаҳмонед;

в) Маълумоти даркории барои розигии дидаю донистаро пешниҳод намоед. Ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, оиди оқибатҳои мубодилаи иттилоот дар бораи ҳолати бо дигар идораҳо/таъминкунандагони хизматрасониҳо хабар диҳед;

г) Аз ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, хоҳиш намоед, ки бо суханҳои худ он чизе, ки рех додааст тасвир намояд, дар бораи шахсе, ки зӯровариро содир намудааст, дар бораи намудҳои зӯроварӣ, ҳолати ҷории зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ва ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) нақл намояд. Аз ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, хоҳиш намоед, ки мушаххас бошад ва ҳодисаи бо худи ӯ рехдодаро нақл намояд, на ин ки ба фикри ӯ, дар вазъияти ӯ бо дигар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) монандӣ дошта бошад;

ғ) Маротибаҳое, ки ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бояд ҳодиса ё моҷарои худро аз нав нақл кунад, камтар кунед;

д) Боварӣ ҳосил кунед, ки ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, кӯмакро бо тарзи беғаразона, дилсӯзона ва фаҳмидашуда гирифтааст ва ҳамаи кӯшишҳо барои кӯмак намудани ӯ равона шудааст;

е) Аз ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, хоҳиш намоед, ки умедворӣ ва интизории шахсии худ аз фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро/эътиноро баён намояд;

ё) Дар бораи кӯмак/дастгирие, ки барои пешниҳоди ба пуррагӣ баинобатгирандаи ниёзҳо ва умедвориҳо заруранд, бо мақсади ҳифзу ҳимояи ҷабрдида зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) фикр кунед.

## 8. ПЕШНИҲОДИ КӮМАКҲО / ЭЪТИНО.

24. Таҳқиқ ва ҷамъоварии далелҳо дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар робита бо он, ки бисёре аз шаклҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дар паси дарҳои пӯшида рех медиҳанд ва дар бораи онҳо кам хабар дода мешавад, нишондоди ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, баъзан далели ягонаи муносибати бераҳмона ҳисоб меёбад. Таҳқиқи дуруст ва пурра барои дастгирии нишондодҳои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) якчанд маротиба аз сар гузаронидааст, ба мақомоти прокуратура метавонад бо далелҳои иловагӣ таъмин намояд.

Мақомоти корҳои дохилӣ барои пешниҳод ва татбиқи фармоиши ҳимоявӣ асоси ҳуқуқӣ дорад. Ҳамзамон, ба бехатарии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, афзалият дода, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамчунин саъю кӯшиши худро ба ҷамъоварии далелҳо, бо мақсади он, ки ба гумонбаршуда айб эълон намуда, тафсири айбномаро барои омодагии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ

дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст ва қарори минбаъдаи ӯ оид ба идома додани тартиби ҳуқуқии мувофиқ сохта шавад, бояд равона созанд.

Мақомоти корҳои дохилӣ наметавонад ба пуррагӣ ба аризаи ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, такя намояд. Дар ҳама ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, таҳқиқгарон бояд асли воқеаи зӯроварӣ дар оиларо омӯзанд. Ин маълумот бояд барои дастгирии парвандаи айбдоркунӣ ва далелу исботҳо истифода шаванд, ки ҷиноят як ҷузъи қолиби зӯроварӣ дар оила мебошад ва ҳолати ҷудошуда ва ё ягона намебошад.

## 9. ТАҲҚИҚ.

25. Ҳангоми таҳқиқ намудани ҳолати зуроварӣ бояд чунин амалҳоро ба иҷро расонд:

- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ҳуқуқҳои қонунии ӯ ва роҳу усулҳои амалисозии онҳоро фаҳмонад;
- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, машварат оиди роҳу усулҳои дастраси раванди рӯйдодҳо ва кӯмак, инчунин тамоми маълумотҳоеро, ки метавонанд зарур бошанд ва ё зарур барои он, ки онҳо қарор қабул намуда тавонанд, пешниҳод намоед;
- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, машварат дар бораи ҳуқуқи додани даъво ва мурофиаи судии минбаъда, мутобиқи ҷиноят/қонуншиканӣ диҳед;
- ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бояд аниқ равшан

фаҳмад, ки пур кардани ҳисобот оиди муносибати бераҳмона даъвои ҷиноятӣ намебошад;

- шикояти ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, дар китоби бақайдгирӣ сабт намоед ва барои чорабиниҳои минбаъда рақами бақайдгирӣ таъин намоед;

- пас аз гузаронидани машварат бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, оид ба роҳу усулҳои дастраси ҷараёни рӯйдодҳо, раванди минбаъдаро, аз он ҷумла тартиби ҳуқуқӣ, гирифтани машварат ва пешниҳоди сарпаноҳро аниқу дуруст тасвир намоед;

- ҳангоми фаҳмонидани мурофиаҳо чӣ қадаре, ки тавонед, аз истилоҳоти ҳуқуқӣ дурӣ ҷӯед, чунки бисёре аз ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, мумкин истилоҳоти ҳуқуқиро нафаҳманд ва ин метавонад онҳоро роҳгум занонад;

- ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, мумкин чунин саволҳоро додан хоҳад:

Ман имрӯз дар ин ҷо чӣ қадар вақт мемонам? Чанд маротиба ман маҷбурам, ки баргашта оям? Шахсе, ки амалҳои зӯровариро содир намудааст, мефаҳмад он чизеро, ки ман мегӯям? Шумо метавонед ба ман ва оилаи ман бехтариро таъмин намоед? Таҳқиқ чӣ қадар вақт давом меёбад? Тафтишоти судӣ мешавад? Кӣ ҳал мекунад, оё тафтишоти судӣ мешавад ё не? Ман бояд чӣ кор кунам, агар қарори гузаронидани тафтишоти судӣ қабул шавад? Мурофиаи судӣ чӣ қадар вақт давом хоҳад ёфт? Тафтишоти судӣ ба чӣ монанд аст?

- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, такроран дар бораи махфият маълумот/далелҳо хабар диҳед;

- аз ҷабрдида хоҳиш намоед, ки бо суханҳои худ он чизе, ки шуда гузаштааст, тасвир намояд, дар бораи шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст, оиди намудҳои зӯроварӣ ва дараҷаи вазнинии он нақл намояд. Дар ҳолатҳои ҳисоботдиҳии дигар субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, баъзе аз маълумот аллакай метавонанд дастрас бошанд;

- ниёзҳо ва захираҳоро баҳогузорӣ намоед, то ки қаринаи (мантиқи) иҷтимоӣ, оилавӣ ва инфиродиро, ки ба вазъияти ҷабрдида таъсир доранд, фаҳмед;

- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, дар бораи салоҳият ва соҳибҳуқуқии мақомоти корҳои дохилӣ, амалҳои эҳтимолие, ки метавон бо кӯмакки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шаванд, хабар дода шавад;

-амалҳои ҳатмии ҳуқуқиро (масалан, барои баъзе ҷиноятҳо, пешниҳоди парванда барои адолати судӣ ҳатмӣ мебошад, новобаста аз он, ки аз ҷониби ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, даъво дода шудааст ё не) нишон диҳед.

- дар доираи салоҳият, ки метавонанд зарур бошанд, бо мақсади кам намудани сарфаи вақт ва дучори такроран ҷабрдида гардидан роҳнамоии мурофиавӣ/кӯмак ва машваратдиҳӣ пешниҳод намоед;

- пешниҳоди дастгирии рӯҳӣ-равонӣ (дар сатҳи заминавӣ), бо мақсади эътино намудан ба ниёзҳои бевоситаи рӯҳии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст. Агар чунин имконият мавҷуд набошад, барои кӯмак ба хадамоти махсусгардонидашуда мурочиат намоед ва ё

ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ба он макон равона намоед;

- барои дастгирии иҷтимоӣ дар сурати зарурат ва ё бо хоҳиши ҷабрдида мурочиат намоед;

- ба ҷабрдида дар банақшагирии бехатарӣ бо мақсади баланд бардоштани бехатарии худ ва фарзандон, дар ҳолати зарурат, кӯмак расонед (ниг. фасли Нақшаи бехатарӣ);

- кӯмаки минбаъдаи тиббиро агар зарур бошад, ба таври лозимӣ ба нақша гирифта, пешниҳод намоед;

- парванда оғоз намуда, тамоми ҳуҷҷатҳои ба он дахлдорро, ки ба суд равона карда мешаванд, таҳия намоед, агар/вақте ин зарур бошад;

- қайд кунед, он чизеро, ки ҷабрдида бо кӯмаки суханҳои худ мекушояд;

- тамоми сабтҳоро дар ҷои бехатар ва пинҳон нигоҳ доред.

- ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, оиди эҳтимолияти истифодаи сабтҳо хабар диҳед;

- кӯмаки минбаъдаро /мудохиларо ба нақша гиред, агар зарур бошад ва ба таври лозимӣ;

- аз мухолифат бо шахсе, ки амали зӯровариро содир намудааст, дурӣ ҷӯед;

- мутобиқи қонун татбиқ намудани чораҳои муҷозот/ҷаримаҳо нисбати шахсоне, ки амалҳои зӯроварӣ содир намудаанд;

- барои ба ҳабс гирифтани шахсоне, ки амалҳои зӯроварӣ содир намудаанд, мутобиқи салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод диҳед;

- таҳқиқро барои пешниҳод намудани маводи парванда барои баррасии судӣ идома диҳед;

- иҷрои қарорҳоеро, ки аз ҷониби мақомоти судӣ қабул шудаанд, назорат баред;

## 10. ҶАМЪОВАРИИ ДАЛЕЛҲО.

26. Шахсони мансабдор аз кормандони техникӣ ва мутахассисони судӣ-тиббӣ дар ҷои ҳодиса кӯмак ва ё дастур дархост менамоянд. Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатгузории зарари ҷисмонӣ ва ҳолати рӯҳии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ин салоҳияти мутахассиси судӣ-тиббӣ ҳисоб меёбад.

Азназаргузаронии судӣ-тиббӣ эҳтимолияти онро, ки ҷароҳатҳо ҳуҷҷатгузорӣ мешаванд, зиёд мекунад, далелҳо бошанд бо мақсади ёрӣ расонидан ба таҳқиқот ва таъқиби ҷиноятии гунаҳкорон ҷамъоварӣ шудаанд. Корманди мақомоти корҳои дохилӣ ва ё дигар шахс, ба ғайр аз корманди судӣ-тиббӣ одатан набояд дар ҳуҷрае, ки дар он ҷо азназаргузаронии тиббӣ меравад, ҳузур дошта бошад.

Ташхиси судӣ-тиббӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ сари вақт гузаронида шуда, ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад, ки ниёзҳо ва дурнамои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ба инобат гирифта мешавад, шаъну шараф ва шахсияти ӯро эҳтиром менамоянд. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бутунию пуррагии далелҳоро нигоҳ дошта, далелҳои шайъиро ҳангоми интиқоли онҳо тавассути тамғазании дуруст, печонда бастан ва замима кардани баста ба ҳама далелҳои ҷамъовардашуда ҳифз мекунанд, аз ҷумла:

- либосе, ки дар бадани ҷабрдида ҳангоми амали хусусияти зӯроваридошта буд ва дарҳол баъди ин ҳодиса, махсусан дар ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ;

- расмҳо ва/ё сабти видеоии ҷароҳатҳои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, (агар чунин мавҷуд бошад), ҷароҳатҳои гумонбаршуда (агар чунин мавҷуд бошад) ва ҷои ҷиноят то лаҳзаи коркард;

Ҳангоми банаворгирии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд нисбат ба мавқеи ҷароҳатҳо дар бадан ҳассос бошад ва тавсия дода мешавад, то ки корманди мақомоти корҳои дохилӣ ҳамҷинси ҳамон ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бошад;

- Нақшаи ҷойи ҳодиса;

- Кислотаи Дезоксирибо Нуклеини (ДНК) - далелҳо дар таҳқиқи ҷинояти шаҳвонӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Илова ба бадан ва либоси ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст ва гумонбаршуда, бисёр дигар манбаҳои имконпазири далелҳо мавҷуданд, ба монанди рифолаҳо, ҷойпӯшҳо, кӯрпаҳо, бистар ва шишаҳои нӯшокиҳо, ки метавонанд далелҳои биологӣ дошта бошанд, ба монанди хун, арақ, матоъҳо, оби даҳон, мӯйи сар ва пешоб.

Бо мақсади дуруст ҷамъ намудани далелҳои КДН, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мутобиқи тартиби амалисозии пешниҳоди хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои эътино ба зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) амал мекунанд ва ё аз кормандони масъул хоҳиш менамоянд, ки далелҳои КДН -ро ҷамъ оваранд.

Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, раванди ҷамъоварии далелҳоро фаҳмонанд:

- фаҳмонед, ки чӣ кор кардан зарур аст ва аз кадом кор дурӣ ҷустан лозим аст, то ки далелҳо нигоҳ дошта шаванд/нест карда нашаванд (масалан, шустушӯ ва ё оббозӣ накунад, либосро иваз накунад);

- фаҳмонед, ки далелҳои ҷамъовардашуда барои чӣ метавонанд муҳим /муфид бошанд;

- аз ҷабрдида пурсед, ки, оё ӯ мехоҳад, далелҳои вобаста ба зӯроварии содиршуда ҷамъоварӣ карда шаванд;

- ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ба наздиктарин идора равон кунед, ки, ҷамъоварии далелҳоро амалӣ карда метавонанд. Ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бо маълумоти аниқу дуруст оиди хизматрасоние, ки дар ин масъала кӯмак карда метавонад, таъмин намоед;

- ҳангоми зарурат ва ё аз рӯи хоҳиш ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, то ба хадамоти криминалистӣ ҳамроҳӣ намоед;

- доир ба муҳиммияти далелҳо, дар мӯҳлатҳои ниҳоят дараҷа кӯтоҳ ва дар вазъиятҳои мушаххас (масалан, зӯроварии шаҳвонӣ) хотиррасонӣ намоед.

## 11. БАҲОГУЗОРИИ ИДОРАКУНӢ ВА ХАВФҲО.

27. Нақшаи таъмини бехатарӣ қисмати эътино ҳисоб меёбад, ки метавонад ҳодисаҳои ояндаи бо истифодаи

зӯровариро пешгирӣ намояд ва ё пеши роҳи муташаннич гардидан ва ё дучори вазъияти ғайриоддӣ шудан, гирифта шавад. Нақшаи таъмини бехатарӣ бо назардошти омилҳои хавф ва захираҳои мавҷудбуда коркарду таҳия карда мешавад.

28. Барои коркарди нақшаи самараноки бехатарӣ, фаҳмидани омилҳои хавф барои такрорёбии ҳодиса ва зиёд шудани зӯроварӣ зарур аст. Чӣ қадаре, ки омилҳои хавф бештар ошкор шуда бошанд ва бо ҳолати зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) марбут бошад, ҳамон қадар хавфи ба он дучор гаштани ҷабрдида/шахсоне, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидаанд, зиёдтар мебошад.

29. Омилҳои хавфе, ки метавонанд муайян карда шаванд:

- амалҳои/ҳолатҳои қаблии зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) нисбати ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, нисбати кӯдакон ва ё дигар аъзоёни оила. Ҳодисаҳо оиди дастдарозкуниҳо, шаклҳо ва воситаҳои зӯроварии истифодашуда, ҷиноятҳо ва муроҷиатҳои қаблӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ, истифодаи силоҳ нишондиҳандаи баҳои хавфу хатар мебошад;
- рафтори бадҷаҳлонаи берун аз оила;
- қатъ кардани муносибат ва додани талоқ давраи хавфи баланд ҳисоб меёбанд;
- дигар аъзоёни оиларо бо шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо содир намудааст, муттаҳид намоед;
- қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ будани дар ихтиёр доштан ва ё истифодаи силоҳ ва ё таҳдиди истифодаи силоҳ;
- истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъадор метавонад рафторро боздорад/халал ворид созад ва ба авҷгирии зӯроварӣ оварда расонад;

- таҳдидҳо, аз он ҷумла, таҳдидҳои куштор бояд ҷиддӣ қабул карда шаванд;

- шакли охири рашккунӣ ва молпарастӣ;

- фаҳмиши аз ҳад зиёди падарсолорӣ (кӯҳнапарастӣ) дар муносибатҳо;

- таъқиб кардан ва додани фишори рӯҳӣ (дастдарозӣ);

- риоя накардани амрномаи муҳофизавӣ, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дода шудааст;

- ситезаҷӯиҳои эҳтимолӣ, ки метавонанд ба ногаҳон муташанниҷ гардидани зӯроварӣ (тағйирот дар муносибатҳо) оварда расонад;

- нақшаи аввали бехатарӣ бояд коркард шавад ва агар зарур бошад, он бо тарзи бехатарӣ маҳдуднашаванда пешниҳод ва ташкил карда шавад;

- рӯйхати шахсонеро (дӯстон, ҳамсояҳоеро), ки метавонанд дар ҳолатҳои фавқуллода даъват шаванд ва ё онҳое, ки метавонанд дар давоми чанд рӯз сарпаноҳ диҳанд, тартиб дода шавад.

- якчанд ҳамсояҳоеро бояд пайдо намуд, ки метавонанд дар бораи зӯроварӣ гап зананд ва агар онҳо дар хонаи шумо садоҳои шубҳанок шунаванд сари вақт барои додани кӯмак ҳозир шаванд;

- муддате таҷрибаомӯзӣ карда шавад, ки чӣ тавр бехатар хонаи худро тарк намуд;

- халтаи бехатарӣ ҷамъ оред ва онро дар ҷое гузоред, ки аз он ҷо дар ҳолати фавқуллода ба осонӣ гирифта шавад;

- савқи табиӣ ва фикру мулоҳизаи худро истифода баред. Агар вазъият хатарнок бошад, роҳу усули ба шахси дилозор пешниҳод намудани он чизе ки ӯ мехоҳад, то ки ором гирад, дида бароед. Шумо ҳуқуқи ҳимояи худ ва фарзандони худро доред;

- оиди эҳтимолияти барои муроҷиат барои кӯмак ба дигар субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила фикр кунед;

- дар хотир гиред, ки шумо сазовори шаллоқу лату кеб ва таҳдидҳо нестед.

## 12. ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА.

30. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дар чанд марҳила мегузарад: аз ҳама муносибати аввалини ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бо низоми амалкунандаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (низоми хабардиҳии таъҷилӣ, қисми навбатдории мақомоти корҳои дохилӣ), ҳангоми пурсиши ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст ва гумонбар, дар рафти таҳқиқ ва дар зинаи охирин, вақте мақомоти корҳои дохилӣ тамоми маводҳоро ҷамъбаст менамоянд.

31. Ҳама ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) бояд бо ёрии варақаи махсуси барои чунин ҳолат сохташуда (масалан, протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ) ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд. Истифодаи варақаи махсус метавонад сифати маълумоти ҷамъовардашударо барзиёд намояд, пайгирӣ намудани маълумот ва дигар чораҳои минбаъдаро ҳангоми ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) осонӣ диҳад ва барои беҳтар намудани мудохила ва раванди қабули қарор маълумоти муфидро пешниҳод намояд. Агар истифодаи варақаи махсус имкон надошта бошад, рӯйхати индикаторҳои ҳолатҳои вобаста ба зӯроварӣ дар

оила (зӯроварии гендерӣ) метавонанд ба варақаи мавҷудбуда илова карда шавад.

32. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) дар худ маълумотҳои зеринро дошта бошад:

- маълумоти маъмурӣ доир ба ҷамъоварии далелҳо (масалан, шакли намунаҳо, мутахассис/таъминкунандаи хизматрасонӣ, ҷамъкунандаи далелҳо, макони ҷамъоварии далелҳо ва ғайра);
- мушоҳида дар ҷои ҳодиса, аз ҷумла аз болои рафтори ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст ва гумонбар;
- маълумоти пурра дар бораи ҳодисаи ҷорӣ, аз ҷумла далелҳо барои дастгирии ҷинояти дар назар дошташуда;
- шакли зӯроварӣ;
- истифодаи силоҳ ва дигар асбобу олот (чун дигар шаклҳо);
- оё амали содирнамудаи гумонбаршуда аз ҷониби ӯ қаблан нақшагузорӣ карда шуда буд;
- табиат ва ҷиддияти ҷароҳатҳои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, (ҷисмонӣ ва кайфиятӣ);
- ишора ба ҳолатҳои қаблӣ, аз ҷумла бо гумонбаршудаи қаблӣ;
- маълумоти муфассал дар бораи ягон намуд таҳдид ва баъди ҳолати рехдода;
- муносибати байни ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст ва шахсе, ки амали зӯровариро содир намудааст;
- тафсилоти шоҳидоне, ки дар чунин ҳолатҳо ҳузур доштанд, махсусан агар фарзандон иштирок дошта бошанд;

- тафсилот дар бораи аъзоёни оила, махсусан таҳти парасторӣ қарор доранд;

- чораҳои банақшагирии бехатарӣ;

- нақшаҳои минбаъда ва амалҳои роҳандозишуда.

33. Ҳар кадоме аз корманди мақомоти корҳои дохилӣ, ки пурсиши ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, далелҳои мушаххаскунанда ва ё коркарди ҷойи ҳодисаро амалӣ намудааст, бояд дар бораи амалҳо ва натиҷаҳои бадастомадаи худ ҳисоботи муфассал пешниҳод намояд.

## 13. БОЗФИРИСТӢ.

34. Расонидани кӯмак ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, аз ҷумла расонидани кӯмак ва ё машваратдиҳӣ дар мавзӯи ба паноҳгоҳ ҷой кардан.

35. Агар аломатҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ баръало бошанд, боварӣ ҳосил намоед, ки нисбати ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст муоинаи тиббӣ гузаронида шудааст ва ӯ метавонад кӯмаки тиббӣ гирад.

36. Феҳрасти идораҳо/ташкилотҳоеро, ки ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, хизматрасониҳо пешниҳод менамоянд, пайваста аз нав кунед. Феҳраст бояд дар худ номи муассиса, шахси дар тамос шаванда, суроға, дигар маълумотҳои алоқавӣ, номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро дошта бошад.

37. Муқаррар намоед, ки кадом намуди азнавфиристонӣ метавонад барои ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар

гузаронидааст, мутобиқи баҳогузории ниёзҳо ва хоҳишҳои онҳо, муфид бошад.

38. Ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, оиди имконияти аз нав фиристода шудан ба дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, мувофиқи хоҳиш ва/ё ки аз рӯи зарурият хабар диҳед.

39. Розигии хабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст барои амалисозии бозфиристӣ, пешакӣ барои ҳама гуна қадамҳои минбаъда, гиред.

40. Аниқ кунед, ки ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, кадом маълумот аз ҷониби дигар субъекти пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пешниҳод мешавад, ва кадом маълумот махфӣ нигоҳ дошта мешавад (нишон диҳед, ки оё ягон танзими/маҳдудияти ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ё не).

41. Ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, маълумоти пурра ва боэътимод оиди субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, аз рӯи ҷадвали дар поён овардашуда пешниҳод намоед:

КӢ ва кадом муассиса/ташкилот ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд, маълумоти тамосии шахсеро дохил намуд (ном, рақами телефон), ки тавассути он алоқа намудан мумкин бошад, то ки имконияти истифодаи хизматрасонии мазкур гирифта шавад;

ЧӢ ва ба кадом кӯмак онҳо метавонанд умед банданд, аз таъминкунандаи мушаххаси хизматрасониҳо гиранд, аз

ҷумла маълумот дар бораи хароҷотҳои марбут ба истифодаи хизматрасониҳои мазкур;

ДАР КУҶО – мавқеи аниқи (суроғаи аниқи) ҷои пешниҳоди хизматрасониҳои нишондодашуда.

42. Бозфиристиро мувофиқи интихоби ҷабрдида /шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, амалӣ созед.

43. Бозфиристиро бо ҳисоботи хаттии дар шакли кетоҳ ва сӯҳбати телефонӣ бо дигар субъекти пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пурра намоед. Дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми сеҳбат бо хабрдида аз натиҷаи ҳодисаи зӯроварӣ дар оила, такроран нақл намудани е оиди ҳолати рехдода ва ба худи ҳамон саволҳо ҳангоми пурсишҳои зиёд ҷавоб доданаш, боз аз нав дучори зарбаҳои рӯҳӣ мегардад

44. Мустақилияти ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, тавассути ба ӯ пешниҳод намудани имконияти мустақилона амалӣ сохтани бозфиристиро ҳавасманд намоед.

45. Агар зарур ва имконпазир бошад, ҷабрдида/шахсеро, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, то назди субъекти зикргардидаи пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ҳамроҳӣ кунед.

# 14. НАҚШАИ ПУРСИШ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲҚИҚ.
## (намуна)

| Дарача | Намунаи саволҳо |
|---|---|
| Кӣ | мурочиаткунандаи/ чабрдида/шахси зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) азсаргузаронида буд?<br>Дар бораи ҳодиса хабар дод?<br>чиноятро пайдо намуд?<br>ягон чизи муҳимро дид ва ё шунид?<br>барои содир намудани чиноят сабаб дошт?<br>чиноят содир намуд? ба чинояткор кӯмак кард?<br>пурсида шуд?<br>аз рӯи парванда кор мекард?<br>далелҳоро пайхас намуд?<br>далелҳоро гирифт? |
| Кадом (кадомҳо)<br><br>Чӣ | навъи (шакли) чиноят содир шуд?<br>амалҳо аз чониби гумонбаршудагон содир шудаанд ва бо ёрии кадом усулҳо?<br>далелҳо гирифта шуда буданд?<br>олоту восита ва ё силоҳ истифода шуда буданд?<br>амалҳоро шумо роҳандозӣ намудед?<br>амалҳои минбаъда заруранд?<br>дигар муассисаҳо огоҳ карда шуда буданд?<br>шоҳидон дар бораи ин медонанд?<br>бо далелҳо ичро шуда буд? |
| Дар кучо (ба кучо) | чиноят содир шуда буд?<br>воситаю олот ва ё силоҳ дарёфт шуда буданд?<br>гумонбаршударо дидед?<br>шоҳидон буданд?<br>чиноят пайдо карда шуда буд? |

| | |
|---|---|
| | ҷинояткор зиндагӣ мекунад ва ё куҷо вай аксар вақт меравад?<br>ҷинояткор мебошад?<br>ҷинояткор, эҳтимолан, метавонист равад?<br>дарёфт / дастгир шуд ҷинояткор?<br>Далелҳо пай бурда шуда буданд?<br>далелҳо нигоҳ дошта мешуданд? |
| Кай | ҷиноят содир шуда буд?<br>дар бораи ҷиноят хабар доданд?<br>Шумо омада расидед?<br>Шумо бо шоҳидон сӯҳбат кардед?<br>дарёфт / дастгир шуд ҷинояткор?<br>кӯмак расид? |
| Чӣ тавр | ҷиноят содир шуд?<br>ҷинояткор то ҷои ҷиноят омада расид ва онро тарк намуд?<br>ҷинояткор маълумоти зарурӣ барои содир намудани ҷиноятро гирифт?<br>воситаю олот ва ё силоҳ гирифта шуда буданд?<br>шумо дар бораи ҷиноят маълумот гирифтед? |
| Барои чӣ | ҷиноят содир шуд?<br>воситаю олоти махсус ва ё силоҳ истифода шуда буданд?<br>дар бораи ҷиноят хабар доданд?<br>шоҳидон бо дили нохоҳам нишондод медиҳанд?<br>шоҳид хост ба ҷинояткор нишон диҳад?<br>дермонӣ дар хабар дар бораи ҷиноят сурат гирифт? |
| Бо кӣ | ҷинояткор ҳамроҳ шуд?<br>шоҳидон алоқаманданд?<br>шумо интизор доред ҷинояткорро дарёбед? |
| Чӣ қадар | дониш барои содир намудани ҷиноят лозим |

| | |
|---|---|
| (Кадом) | буд?<br>зарар расонида шуда буд?<br>молу мулк гирифта шуда буд, агар чунин мавҷуд бошад?<br>саъю кӯшиш лозим шуд, то ки молу мулк бурда шавад?<br>маълумотро шоҳидон хомӯш нигоҳ медоранд?<br>оё мурочиаткунанда/ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, шахси дар бораи маълумотҳо хомӯш ҳисоб меёбад?<br>маълумоти иловагӣ ба шумо зарур аст, ки ҷиноят кушода шавад? |

## 15. НАҚШАИ ИНФИРОДИИ БЕХАТАРӢ БАРОИ ЗАНҲОЕ, КИ ДУЧОРИ ЗӮРОВАРИИ ШАҲВОНӢ ВА Ё ДИГАР АЪЗОЁНИ ОИЛА ГАРДИДААНД.
**(Намуна)**

Мизоҷ ______________________ Корманди мақомоти корҳои дохилӣ ____________________________ Сана _____________________ Баҳогузории такрорӣ (сана) __________________________

1. Агар бехатарии шахсии ман ва ё бехатарии фарзандони ман дар хона дар хатар бошанд, ман метавонам мурочиат кунам ба ______________________ ва ё ____________________________ (қарори мазкурро қабул кунед, ҳатто агар шумо такрор шудани ҳолати зӯровариро мунтазир нестед).

2. Дар вазъияти зӯроварӣ ва ё таҳдидкунанда баромадгоҳи бехатар ин мебошад _____ _______________________________ (масалан, кадом дарҳо, тиреза, лифт, зинапояҳо ва ё баромадгоҳи садамавиро ман метавонистам истифода барам).

3. Агар низоъ ногузир менамояд, ман кӯшиш мекунам, то ки он дар ҳуҷра ва ё утоқе рух диҳад, ки ман ба осонӣ тарк карда тавонам. Ман ҳаракат мекунам, аз ҳуҷрае дурӣ ҷӯям, ки дар он ҷо мумкин силоҳ истифода бурда шавад.

4. Ман дар бораи зӯроварӣ ба шахсони зерин хабар дода метавонам ва аз онҳо хоҳиш намоям, ки милитсияро даъват намоянд, агар онҳо дар хонаи ман садоҳои шубҳанокро шунаванд: ___________.

5. Ман метавонам истифода барам (масалан, аломат, калима) ______________________________ ба сифати рамз барои фарзандони ман ва ё дӯстонам, барои он ки онҳо барои кӯмак муроҷиат карда тавонанд.

6. Агар шарики ман дигар бо ман зиндагӣ накунад, ман метавонам бехатарии худамро дар хона таъмин намоям (қулфҳо, калидҳо, дастгоҳи садобарор (сигнализатсия) ва ғайра). ______________________.

7. Ман метавонам борхалтаи бехатарӣ (ҷое дар хона /дар хонаи дӯст) нигоҳ дорам: ____________.

8. Ба ман ашёву анҷоми зерин дар сурати аз хона тез баромада рафтан (таркибу микдори борхалтаи бехатарӣ) заруранд:

- пул / накд;
- ҷуфти калидҳои иловагӣ аз хона ва автомашина;
- либоси иловагӣ;
- лавозимоти беҳдошти шахсӣ;
- телефони мобилӣ, телефонҳои муҳим, харитаҳои телефонӣ
- фармоишҳои тиббӣ;
- ҳуҷҷатҳои муҳим / харитаҳо (шиноснома / шаҳодатномаи шахсият варақаи суғуртаи тиббӣ ва ғайра);
- бозичаҳои кӯдакона дӯстдошта;
- дигар ашё ___________________________________

9. Таъминкунандаи хизматрасониҳои тандурустӣ ба ман хабар дод, ки:

¨ Ман барои рафтори бадҷаҳлонаи шарикам ҷавобгарӣ ба душ надорам, вале ман метавонам ҳал кунам, ки чи тавр бехатарии шахсии худам ва бехатарии фарзандонамро беҳтар созам.

¨ Ман аз ин беҳтарро сазовор ҳастам: ман ва фарзандони ман ҳуқуқи бехатар зиндагӣ карданро доранд.

¨ Зӯроварӣ ҷиноят мебошад, ва ман метавонам дар бораи ин ба мақомоти корҳои дохилӣ хабар диҳам.

¨ Қарорҳои маҳдудкунанда/манъкунандаи судӣ мавҷуданд, ва ман медонам, ки чӣ тавр ман барои онҳо татбиқ намоям.

¨ Ҷойҳое мавҷуданд, ки дар он ҷо ман метавонам кӯмак гирам аз: ______________________________

10. Таъминкунандаи хизматрасониҳои тандурустӣ ба ман пешниҳод намуд /мо ба қароре омадем, ки ман метавонам ҳалли мушкилиро дар назди таъминкунандагони зерин идома диҳам: ______________________.

11. Ман метавонам ин нақшаи бехатариро, бехатарии шахсии худ ва ё бехатарии фарзандонамро ба хатар нагузошта нигоҳ дорам, дар: ____________________________.

## 16. ЛУҒАТИ БАЪЗЕ АЗ ИСТИЛОҲОТИ ҲУУҚУҚӢ-БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ.

Истилоҳоти гуногун метавонанд одамеро (шахсеро) муайян созанд, ки дучори зӯроварӣ гардидааст. Истилоҳоти мазкурро бояд мутобиқи лаҳзаю ҳолатҳои муайян истифода бурд. Шахсе, ки дар натиҷаи амалҳои

зӯроварӣ азобу ранҷ бурдааст, ҷароҳат бардоштааст ва ё кушта шудааст, ва ё одаме, ки то ба он ҳоле расонидаанд, ки ӯ худро дар назди бадбахтӣ ва ё муносибати бераҳмона нотавону оҷиз ва беғайрат ҳис мекунад, метавон «ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ном бурд».

Истилоҳ аз ҷиҳати техникӣ аниқ мебошад, аммо ҳамзамон ҳисси нотавонию беқувватиро дар онҳое таҳрик мекунад, ки дучори ин ва ё он шакли зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) гардидаанд. Истилоҳи «шахси зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронида», маънои онро дорад, ки шахс ба кӯмак ниёз дорад, ки қобилияти ба ҷароҳат ғолиб омаданро дорад ва ё аз болои он кор мекунад, ки худро ҳимоя карданро меомӯзад, одаме, ки барои баргардонидани зиндагии худ мубориза мебарад.

Аммо дар охир шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, дар як вақт ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, ҳисоб меёбад. Баъзан, вале хеле кам истилоҳи «мизоҷ» барои мушаххассозии одам мувофиқи хизматрасониҳое истифода бурда мешавад, ки онро мегирад, на мувофиқи зӯроварие, ки дучори он гардидааст.

Мақсадҳои эътинои умумии мазкур ва намунаи бозфиристӣ барои бартараф намудани зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) ба инобат гирифта, истилоҳи «шахси зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронида» барои ифодаи ҳар ду ҳолатҳо қабл ва баъди кушодани/хабар додани зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) ба мутахассис истифода бурда мешавад.

**Зӯроварӣ дар оила:**

Тамоми амалҳои зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, рӯҳӣ ва ё иқтисодӣ, ки дар хона ва ё ҷои ҷамъиятӣ аз ҷониби шахсе, ки аъзои оила ҳисоб меёбад, аз ҷониби шахсе, ки шарики шаҳвонӣ, ҳамсар ва ё собиқ шарик ҳисоб меёбад, метавонад содир шаванд, новобаста аз он, ки оё онҳо якҷоя зиндагӣ мекарданд ё не (Шӯрои Аврупо, Конвенсия дар бораи пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила, СДСЕ № 210).

**Акди никоҳи ноболиғон:**

Акди никоҳи расмӣ ва ё иттиҳоди ғайрирасмӣ дар синну соли то розигии ҳуқуқӣ барои писарбачаҳо ва духтарчаҳо ҳақиқӣ мебошанд, гарчанде ки духтарчаҳо аз ин номутаносиб бисёртар азият мекашанд (ЮНИСЕФ, Акди никоҳи ноболиғон, 2012).

**Хизматрасониҳои асосӣ:**

Маҷмӯи асосии хизматрасониҳои дархостшаванда, дар ҳадди камтарин, барои таъмини ҳуқуқҳо, бехатарӣ ва беҳбудии ҳар кадоми занҳо, духтар ва ё кӯдаке, ки нисбати занҳо зӯровариро ҳис мекунанд. Дар он ҳангоме, ки хизматрасониҳои асосӣ дар ҳар як кишвар ва ё макон якранг пешниҳод шуда наметавонанд, онҳо дар худ пайвастани хизматрасониҳои ҳаматарафаро, ба монанди тандурустӣ, дастгирӣ, таъмини иҷтимоӣ ва беҳдошт, хадамотҳои давлатӣ, ба монанди милитсия ва адлия, инчунин мутахассиси хадамотҳои иҷтимоиро дорад.

**Зӯроварии гендерӣ:**

Шакли табъизе, ки имкониятҳои занҳоро дар хусуси истифодаи ҳуқуқ ва озодиҳо дар асоси баробарӣ бо мардонро ба таври ҷиддӣ маҳдуд менамояд (Конвенсияи

СММ дар бораи барҳамзании ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон (CEDAW), Тавсияи умумии № 19 дар бораи зӯроварӣ нисбати занон, саҳ. 1).

**Субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила:**

Субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила инҳо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Хумҳурии Тохикистон, комиссияи оид ба ҳуқуқи кедак, мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти соҳаи маориф ва илм, мақомоти соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи ихтимоӣ, марказҳои дастгирӣ, марказҳо ё шеъбаҳои дастгирии ихтимоӣ-тиббӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти хамъиятӣ ва марказҳо ё хадамотҳое, ки бо дастгирии ташкилотҳои хамъиятӣ ва донорҳо фаъолият мекунанд ба ҳисоб мераванд.

**Ҳисоботдиҳии ҳатмӣ:**

Ба қонунҳое, ки дар баъзе кишварҳо ва давлатҳо дахл доранд, ки аз мутахассисон ва/ва ё шахсони алоҳидаи интиқолдиҳандаи (чун қоида, ба милитсия ва ё низоми ҳуқуқӣ) маълумот дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои зӯроварӣ дар оилаи ҳақиқӣ ва ё зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ талаб карда мешавад.

**Шахсе, ки зӯроварӣ содир менамояд:**

Инсон, гурӯҳ ё ташкилоте, ки бевосита зероварӣ нисбати одамонро бар хилофи ирода ё хоҳиш содир мекунад (IASC, 2005, Принсипҳои роҳбарикунанда оид ба зероварии гендерӣ дар амалиётҳои гуманитарӣ: Таваҷҷуҳ ба пешгирӣ ва эътино ба зероварии шаҳвонӣ дар ҳолатҳои фавқуллода).

**Таҷовуз ба номус/сӯиқасди таҷовуз ба номус:**

Дохил намудан бо маҷбурии ҷисмонӣ ва ё дигар роҳи ҷабран дохилнамоӣ - ҳатто начандон калон - ба сӯрохии олоти таносулии зан ва ё маъқад, бо истифода аз закар, дигар қисмҳои бадан ва ё ашё. Чунин кӯшишҳо кӯшишҳои таҷовуз ба номус ҳисоб меёбанд (ТУТ (Ташкилоти умумихаҳонии тандурустӣ), Гузориши умумиҷаҳонӣ оид ба зӯроварӣ ва саломатӣ).

**Бозфиристӣ:**

Раванди он, ки чӣ тавр зан дар робита бо мутахассиси инфиродӣ ва ё муассиса дар тамос мешавад ва ҳамчунин, чӣ тавр мутахассисон ва муассиса бо мақсади таъмини дастгирии ҳамаҷониба якҷоя сӯҳбат ва кор мекунанд. Шарикон дар шабакаи бозфиристӣ одатан дар худ аз идораҳои гуногуни ҳукуматӣ, ташкилотҳои занон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои тиббӣ ва дигарон иборатанд (ЮНФПА 2010).

**Низоми бозфиристӣ:**

Заминаи маҷмӯии институтсионӣ, ки объектҳои гуногунро дар шабакаи ҳамкорӣ фармоишҳо, ӯҳдадориҳо ва ваколатҳои хуб муайяншуда ва маҳдудшударо (дар баъзе ҳолатҳо яке дигарро мепӯшонад), бо мақсади умумии таъмини ҳифз ва кӯмак ба ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, кӯмак ба барқароршавии пурраи онҳо ва васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳо, пешгирии зӯроварии гендерӣ ва таъқиби ҷинояткорон (бо номи б 3) бо ҳам мепайвандад. Механизмҳои (сохти) бозфиристӣ дар пояи ҳошияҳои самаранок кор мекунанд, роҳҳо ва тартибҳои ҷудошударо аниқ бо қадамҳои аниқу оддии мураттаб муқаррар мекунанд (ЮНФПА 2010).

**Ҳисобот дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ):**

Кушодани ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, аз ҷониби таъминкунандаи хизматрасониҳо ба дигар таъминкунандаи хизматрасонӣ; мубодилаи иттилоот дар бораи ҳолати зӯроварӣ дар оила (зӯроварии гендерӣ) бо дигар муассиса /ташкилот дар раванди бозфиристӣ. Ҳисоботдиҳӣ танҳо дар доираи розигии ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, бо баъзе истисно иҷро карда мешавад.

**Таҳқири шаҳвонӣ /зӯроварӣ:**

Ҳама гуна амали шаҳвонӣ, кӯшиши ворид шудан ба алоқаи ҷинсӣ, шарҳҳои ҷинсии номатлуб ва ё бисёр нишон дода дилбазан намудан, ва ё амали интиқол (траффик), ва ё дигар намуде, ки нисбати алоқаи ҷинсият бо истифодаи маҷбурсозӣ, аз ҷониби ҳама гуна шахс, новобаста аз муносибати онҳо бо ҷабрдида/шахсе, ки зӯроварӣ дар оиларо (зӯроварии гендериро) аз сар гузаронидааст, дар ҳама гуна вазъият, аз он ҷумла, бо хонаю ҷои кор маҳдуд нашуда (ТУТ (ВОЗ), Гузориши умумиҷаҳонӣ оид ба зӯроварӣ ва саломатӣ) равона карда шудааст.

**Истисмори шаҳвонӣ:**

Ҳама гуна сӯиистифода ва ё суиқасд ба сӯиистифода аз нозукии вазъу ҳолат, қувваю ихтиёрдорӣ ва ё боварӣ дар мақсадҳои шаҳвонӣ (ҷинсӣ), аз он ҷумла, вале бо ба даст овардани фоидаи пулӣ, иҷтимоӣ ва ё сиёсӣ аз истисмори шаҳвонии дигар одам маҳдуд нашуда (Бюллетени

(варақаи) Котиби генералии СММ оид ба ҳифз аз истисмори шаҳвонӣ ва таҳқир (PSEA) (ST/SGӢ/2003/13).

**Савдои одамон:**

Одамҷалбсозӣ, кашондан (интиқол), таҳвил, пинҳонкунӣ (рӯпӯшкунӣ) ва ё гирифтани одамон бо роҳи таҳдидҳо, истифодаи қувва ва ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, рабудан, қаллобӣ, фиреб, сӯиистифода аз мақом ва ё нозукии вазъу ҳолат, ва ё бо роҳи ришва харидан, дар намуди пулдиҳӣ ва ё фоида, барои гирифтани розигии шахс, шахси дигарро назоратбаранда, бо мақсади истисмор. Истисмор дар худ, ҳеҷ набошад, истисмори фоҳишагии дигар шахсон ва ё дигар шаклҳои истисмори шаҳвонӣ, меҳнат ва ё хизматрасонии иҷборӣ, ғуломӣ ва ё урфу одатҳо, монанд ба ғуломӣ, вазъияти мутеъият ва ё ҷудо карда баровардани узвҳо (Протокол дар бораи огоҳсозӣ ва пешгирии савдои одамон, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ манша мегирад).

**Зӯроварӣ бар зидди занон:**

Ҳама намуди амалу кирдори зӯроварӣ дар заминаи гендерӣ, ки ба зарари ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, рӯҳӣ ва ё азобу уқубати зан оварда мерасонад, аз ҷумла таҳдидҳои содир намудани чунин амалу кирдорҳо, маҷбурсозӣ ва ё худсарона аз озодӣ маҳрум сохтан, хоҳ дар зиндагии иҷтимоӣ ва ё шахсӣ (Баённомаи (декларатсияи) СММ оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон. Ню-Йорк, Созмони Милали Муттаҳид, 1993). Он дар таркиби худ шаклҳои гуногуни зӯроварӣ нисбати занону духтарчаҳоро дорад, чӣ зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ, савдои одамон ва расму оинҳои хатарнок, ба монанди зарар расонидани узвҳои таносули занҳо.

Дастурамали мазкур бо дастгирии молиявии намояндагии Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид (UNFPA) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Ассотсиатсияи Танзими Оилаи Тоҷикистон (АТОТ) аз чоп баромадааст. Маводҳои чоп шуда нуқтаи назари расмии Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид ва ё Ассотсиатсияи Танзими Оилаи Тоҷикистонро инъикос намекунанд.

UNFPA, Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид ин оҷонсии байналхалқии рушд мебошад, ки барои дастрасии хар як зан, мард ва кӯдак ба ҳаёти солим бо имкониятҳои баробар мусоидат менамояд. UNFPA мамлакатҳоро барои истифодаи маълумотҳои демографӣ барои коркарди барномаҳо оиди паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини он, ки ҳар як ҳомиладори дилхоҳ, ҳар як тавлид бехатар, ҳар як шахси ҷавон озод аз бемории ВИЧ/СПИД ва ҳар як духтар ва зан аз эҳтиром бархурдор аст, дастгир менамояд.